# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Юсупова Мусабе Исломовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда», аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09. – Фолклоршиносӣ, 10.01.01. – Таърихи адабиёти тоҷик), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқу баррасии ҷанбаҳои фолклории осори суханварон аз мавзуъҳоест, ки барои равшан кардани сарчашмаи эҷодии адибон, арзишҳои ҳунарии адабӣ ва дигар ҷанбаҳои осори адабиёт нақши муҳим дорад. Бо такя бар ин назар, ки нахустин намунаҳои осори адабӣ низ дар шакли шифоҳӣ зуҳур намуда, мардум эҷодкори аввалин падидаҳои навиштории бадеиву ҳунарӣ эътироф гардидаст, мероси хаттии гузаштагон ва эҷодиёти суханварони имрӯз саршор ин навъи сарчашмаи тафаккури бадеӣ ва зуҳури адабиёти асил мебошанд. Дар канори ин, бозтоби унсурҳои эҷоди лафзии халқ, падидаҳои фарҳанги мардумӣ, урфу одат ва расму оинҳо ба ҳукми тамоюлҳое шинохта шудаанд, ки дар маҷмуъ ҷанбаҳои фолклории осори бадеиро равшан мекунанд. Бар ин асос таҳқиқи асари бадеӣ метавонад ҷанбаҳои фолклории онро муқаррар ва нақши пуртаъсири онро дар таҳаввули тафаккури бадеии адиб дақиқу мушаххас намояд.

Диссертатсияи унвонҷӯ Юсупова Мусабе Исломовна бо номи «Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда» дар сафи чунин таълифоти арзишманде аст, ки дар меҳвари баррасиҳои он ҷанбаҳои фолклории осори адиби соҳибном Раҳим Ҷалил ҷой дорад. Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 6 фасл, 4 зерфасл, хулоса ва феҳрасти адабиёт таркиб ёфтааст.

Мавзуи мазкур аз тозагии зиёде бархурдор буда, то кунун дар ин бора дар сатҳи як пажуҳиши мустақили илмӣ таълифоте ба сомон нарасидааст. Мавзуъ ба шиносномаи ихтисоси 10.01.09. – Фолклоршиносӣ 10.01.01. – Адабиёти тоҷик, робитаҳои адабӣ мутобиқат дорад.

Саҳми шахсии муаллиф пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик чунин мавзуи муҳим ва дорои аҳаммияти шоистаи илмро ба риштаи таҳқиқ кашида, бар ин асос ҷанбаҳои фолклории осори Раҳим Ҷалилро баррасӣ ва дар асоси он накши эҷодиёти лафзии халқро дар ташаккули тафаккури бадеии нависанда муқаррар кардааст.

Боби аввали диссертатсия **«Нақши фолклор дар ташаккули тафаккури бадеӣ ва ҷойгоҳи он дар ашъори Раҳим Ҷалил»** ном дошта, муҳимтарин нуктаҳои баррасиҳои илмӣ дар 2 фасл анҷом ёфтаанд. Диссертант нахуст ба заминаҳои таҷассуми унсурҳои эҷодиёти лафзии хақл ба осори нависанда руҷуъ намуда, ба ин натиҷа мерасад, ки таваҷҷуҳи Раҳим Ҷалил ба масъалаи омӯзиш ва фароҳамоварии осори шифоҳӣ ва тарғиби мероси фарҳанги мардумӣ яке аз омилҳои муҳимми нуфуз ёфтани падидаҳои эҷодии халқ дар осораш шудааст. Раҳим Ҷалил чун гуруҳи нависандагони дигар ба майдони адабиёти тоҷик бо сурудани ашъор ворид гардидааст. Нақши пурфайзи хидмати адиб дар омӯзиш ва фароҳамоварии фолклори мардуми Хуҷанд, ки намунаҳои он солҳои сивум дар саҳифаҳои марбуоти даврии замон ба чоп расиданд, дар ашъори шоир ба равшанӣ эҳсос мешавад. Барои исботи назар дар ин бора ба намунаҳое аз ашъори шоир муроҷиат намуда, бозтоби падидаҳои фарҳанги мардумиро дар онҳо ба таври барҷаста ва бо истинод нишон додааст.

Боби дувуми диссертатсия **«Ҷанбаҳои фарҳанги мардумӣ дар ҳикояву қиссаҳои Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеии нависанда»** ном дорад ва аз 2 фаслу панҷ зерфасл таркиб ёфтааст. Муаллиф нахуст вобаста ба давраҳои эҷодиёти адиб ҳикоёти ӯро дар се даста қисмат намуда, мулоҳизаи худро вобаста ба замону макон ва фазои эҷоди онҳо баён кардааст. Аз ин таҳқиқот маълум мегардад, ки истифодаи зарбулмасалу мақол ва воҳидҳои фразеологии хоси гуфтори мардумӣ яке аз муҳимтарин падидаҳои эҷодиёти лафзии халқ дар забони ҳикоёти нависанда муаррифӣ гардида, масъалаи мазкур бо зикри мисолҳои мушаххас дар ин навъ осори адиб ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Ҳамзамон, диссертант ҳикоёти ҳаҷвии адибро, ки дар миёни осори

насрии ӯ мақоми хос доранд, вобаста ба муҳтаво ба се даста баррасӣ намуда, бо мисолҳои дақиқу аниқ нуфузи падидаҳои забон ва фарҳанги мардумро дар онҳо нишон додааст. Ба таъкиди унвонҷу агарчи дар баъзе ҳикоёти ҳаҷвии нависанда зарбулмасалу мақол ҳамчун унсури эҷодиёти лафзӣ камтар ба чашм мерасад, вале тасвири замон ва фазои рӯзгор, вазъи мактабдорӣ, корбурди истилоҳоти хоси доруфурӯшони қадим ва дигар ҳунарҳои мардумӣ дар ин навъи осори насрӣ сарчашма дар забони мардум доштани шеваи баёни нависандаро исбот мекунад.

Таҳқиқи қиссаи ёддоштии «Маъвои дил» низ нуктаҳои муҳимми фарҳанги мардумро мушаххас намудааст. Бо пажуҳиш дар муҳтаво ва мундариҷаи асар муаллиф комёб шудааст, ки ҷузъиёти зиёди унсурҳои эҷодиёти лафзии халқ ва сабабу омилҳои вуруди онҳоро ба забони ин қиссаи нависанда равшан намуда, таҳқиқи судманде ба анҷом расонад. Маҳз, ҳамин пажуҳиши густарда роҷеъ ба бозтоби унсурҳои эҷодиёти лафзии халқ дар қисса имкон додааст, ки муаллиф ба хулосаҳои дуруст ва мантиқии илмӣ бирасад, ки «Маъвои дил» – хазинаи фарҳанги мардумии шаҳри Хуҷанд» ба ҳисоб меравад, зеро дар он таронаву ашӯла, зармулмасал, мақол, латифа, ривоят, шугунҳои зиёди мардуми Хуҷанд, инчунин унсурҳои фарҳанги ҳунармандӣ, урфу одат ва расму оинаҳои мардумӣ дар ин шаҳри қадимаи тоҷикон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Боби севуми диссертатсия **«Мавқеи унсурҳои фолклор дар романҳои Раҳим Ҷалил ва таъсири он ба услуби нигориши ӯ»** ном дошта, аз ду фасл таркиб ёфтааст. Баррасии унсурҳои эҷоди лафзии халқ дар романҳои «Одамони ҷовид» ва «Шӯроб» дар ин қисми диссертатсия мақоми меҳварӣ касб кардааст. Пажуҳиши муаллиф равшан намудаст, ки дар таркиби осори мазкури нависанда низ падидаҳои фарҳанги мардумӣ, чун ривоёту латифа, зарбулмасалу мақол, дуоҳо, унсурҳои фарҳанги ҳунармандон ва расму оинҳои мардумӣ равшан намудор шуда ва корбурди онҳо дар сабки суханварии нависанда таъсири хуб гузоштааст.

Арзиши дигари муҳимми баррасиҳо дар ин боб дар он аст, ки муҳаққиқ унсурҳои фолклори халқҳои гуногунро дар романи «Шӯроб» бо назардошти фарҳанги ҳамзистиву ҳамкории миллатҳои гуногуни Шӯравӣ баррасӣ намуда, ягонагиву тафовути падидаҳои фарҳанги мардумиро дар мисоли халқиятҳои сокини ин минтақа баён доштааст. Таҳқиқот равшан мекунад, ки бо сабаби дар забони қаҳрамонони осор бештар таҷассум ёфтани унсурҳои эҷодиёти лафзии халқҳои гуногун ба сабки нигориш ва тафаккури бадеии адиб таъсир матлуб расонида, ғаномандии мундариҷа ва муҳтавои романҳои мавриди таҳқиқро таъмин намудааст.

Дар қисмати хулосаи диссертатсия, ки аз ду бахш – хулосаҳои назарӣ ва тавсияҳои амалӣ иборат аст, дар 10 банд натиҷаҳои ба даст омада ҷой ёфтаанд. Дар маҷмуъ, метавон изҳор дошт, ки диссертатсия бо истифода аз манобеъ, осори пажуҳишӣ, маводи фаровони эҷодиёти лафзии халқ ва бо услуби салиси илмӣ навишта шуда, дар шинохти арзишҳои адабиву бадеии осори Раҳим Ҷалил аз аҳаммияти чашмрас дорад.

Баробари чунин дастовардҳои шоён диссертатсия аз камбудиҳо низ холӣ нест, ки ислоҳи онҳо арзиши илмии онро бештар менамояд:

1. На ҳамаи пажуҳишҳо дар адабиётшиносии хориҷ аз кишвари мо, хоса кишварҳои ҳамзабон, русу Аврупо истифода шудаанд. Хоса, чанд таҳқиқе, ки дар заминаи корбурди унсурҳои адабиёт ва фарҳанги омма дар шеъри Ҳофизи Шерозӣ, Ҷалолуддини Румӣ, Соиби Табрезӣ ва чанд шоири муосири кишварҳои ҳамзабон ба поён расиданд, аз назари муаллифи диссертатсия дур мондаанд.

2. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳо ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба салоҳи кори диссертант аст.

Ин эродҳо ҳаргиз арзиш ва аҳамияти диссертатсияро кам намекунанд. Дар умум, таъкид метавон намуд, ки диссератсияи **Юсупова Мусабе дар мавзуи «Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда»** кори анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09. – Фолклоршиносӣ, 10.01.01. – Таърихи адабиёти тоҷик) муқаррар шудааст, мувофиқ мебошад.

**Муқарриз:**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**ходими илмии Пажӯҳишгоҳи**
**илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот** **Одинаев Н. С.**

**Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Карабоев, 17.**
**E - mail: xfarhang98@gmail.com**
**Сомонаи муассиса: www.pitfi.tj**

**Тел: 2-33-58-84; (+992) 2-33-58-57.**

**Имзои ходими илмии Пажӯҳишгоҳи**
**илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот**
**Одинаев Н.С.-ро тасдиқ мекунам:**

**Нозири шуъбаи кадрҳои**
**Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии**
**фарҳанг ва иттилоот** **Холиқова М.И.**

**14.08.2024.**